# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика: 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.**

**Парвандаи аттестатсионии № ____________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз**
**08 июли соли 2026, №131**

Барои сазовор донистани Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ.

Диссертатсияи Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид дар мавзуи «Инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир».

Аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика: 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя 28 апрели соли 2026 қабул карда шуд, протоколи №127-ИҲ-и шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2; бо фармоиши КОА аз 06.09.2024, №321/шд таъсис ёфтааст).

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид 15.05.1989 таваллуд шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ соли 2014 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси забон ва адабиёти рус (ДТО №0169536) ва соли 2024 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси информатика (дараҷаи бакалаврӣ) (ДМБ №0282431) хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид аз соли 2009 то 2017 ба ҳайси мураббӣ дар Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятим дар шаҳри Кӯлоб кору фаъолият кардааст. Солҳои 2019 – 2020 ба ҳайси мураббии Мактаби Президентӣ дар шаҳри Кӯлоб, солҳои 2020-2021 ба ҳайси сармураббӣ дар Мактаби Президентии шаҳри Кӯлоб фаъолият кардааст.

Аз соли 2021 инҷониб ба ҳайси омӯзгори фанни технологияи иттилоотии Мактаби Президентӣ дар шаҳри Кӯлоб фаъолияти меҳнатиашро идома бахшида истодааст.

Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид солҳои 2018-2025 ҳамчун унвонҷӯйи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи далатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (фармоиши қабул аз 25.10.2023, №201) корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бурдааст.

Мавзуи кори диссертатсионии Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид дар мавзуи «Инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир», бо қарори шурои олимони Донишгоҳи далатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 01.02.2023, №6/3-9 тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар Донишгоҳи далатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: Иброҳимов Грез – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедари умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

Муқарризони расмӣ:

Хоҷаев Қурбон Тоҳирович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забон ва фарҳанги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

Хоҷазода Гулҷаҳон Ҷаҳфар – номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори калони кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода.

Дар хулосаи мусбат додашуда аз 25.05.2026, протоколи №10/2, ки онро раиси ҷаласа, Қодиров Шарифалӣ – номзади илмҳои география, мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна – эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва котиби ҷаласа, Нураҳмадзода Дилафрӯз имзо карда, ректори Донишгоҳи мазкур - доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Жило Бурӣ тасдиқ кардааст, ба диссертатсия дар умум баҳои мусбат дода, аз он ҷумла, иброз кардааст, ки: «...Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосахо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда аз ҷиҳати методологӣ илман асоснок буда, бори аввал ҷанбаҳои амалии масъалаи инсонгароӣ ва тарбияи инсони комил дар осори

Ҷалолиддини Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Диссертатсия дар асоси омӯзиши таҳқиқоти олимону педагогҳои шинохтаи кишвар ва берун аз он рӯйи кор омадааст Муқарраротн асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар маҷаллаҳои шзмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон ва дигар нашрияҳои илмй ба нашр расидаанд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқ дар конференсияҳои сатҳи минтақави ва ҷумҳуриявй, семинарҳои илмӣ-методӣ, инчунин, дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор дода шудаанд.

Қобили қайд аст, ки унвонҷӯ оид ба проблемаи таҳқиқот дониши хуби назарияви-илми дорад, бо адабиёти илмӣ-педагогӣ хуб шинос аст ва аз ҳама муҳиммаш, адабиёти илмиро дар таҳқиқот хуб истифода бурда метавонад. Дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ-педагогӣ ва гузаронидани корҳои таҷрибавию озмоишӣ, муаллифи диссертатсия мавзуи «Инсонгаройии ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир» -ро бори аввал дар илми педагогикаи ватанб ба таври ҳамаҷониба мавриди омӯзиш. таҳқиқ ва тахдили амиқи илмӣ қарор дода, дар асоси натиҷаҳои бадастомада навгонии таҳқикро пешниҳод намудааст.

Муаллиф тавонистааст ҳамоҳангии арзишҳои миллй ва арзишҳои умумибашариро дар таълимоти Балхӣ нишон диҳад. Дар шароити ҷаҳонишавй ва рушди муносибатҳои байналмилалӣ чунин мавқеъ барои тарбияи ҷавонони соҳибхувият, дорои ҷаҳонбинии васеъ ва эҳтиромгузор ба арзишҳои миллӣ ва инсондӯстӣ аҳаммияти муҳим дорад. Маводди пешниҳодшуда дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонад барои омӯзгорон, муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаи маориф ҳамчун манбаи арзишманд хизмат намояд.

Мавод ва натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи монографияҳо, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ, мақолаҳои илмӣ, барномаҳои таълимӣ, тавсияҳои методӣ ва дигар санадҳои таълимию тарбиявӣ оид ба омӯзиш ва татбиқи ғояҳои инсонгароӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ мавриди истифода қарор гиранд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар ташкили корҳои таълимӣ ва тарбиявӣ, баргузории машғулиятҳои фанҳои педагогика, ахлоқ. таърихи афкори педагогӣ, адабиёт ва фарҳангшиносӣ, инчунин, дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани сатҳи маънавию ахлоқии насли наврасу ҷавон ба кор

бурда шаванд.

Натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ метавонанд дар таҳияи барномаҳо, дастурҳои таълимӣ ва чорабиниҳои тарбиявӣ вобаста ба ташаккули арзишҳои инсонгароӣ ва тарбияи инсони комил истифода шаванд. Омӯзиши амиқи осори Ҷалолиддини Балхӣ бо истифода аз усулҳои муосири таҳқиқот имконият медиҳад, ки неруи педагогии осори ӯ ошкор гардида, роҳҳои самараноки татбиқи ғояҳои тарбиявии ӯ дар фаъолияти муассисаҳои таълимӣ муайян карда шаванд. Хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқот метавонанд барои омӯзгорон, муҳаққиқон, донишҷӯён ва дигар кормандони соҳаи маориф дар такмили раванди таълиму тарбия ва баланд оардоштани сатҳи маънавию ахлоқии ҷавонон муфид бошанд.

Натиҷаҳои тадқиқот имкон медиҳанд, ки истифодаи маҷмуи методҳои иловагии такмилдиҳандаи якдигар, ки ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот мувофиқанд, методҳои арзёбии сифатӣ, миқдорӣ ва шарҳу тафсири маълумот, бомуваффақият ҷорӣ намудани натиҷаҳо дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилотӣ таъмин карда мешавад **ва** дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври самаранок ба роҳ монда ва истифода бурда шаванд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид аҳамияти калони илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дошта, истифодаи амалии натиҷаҳои он ба рушди соҳаи маориф ва тарбияи насли наврас саҳми арзанда гузошта метавонад.

Таҳқиқи диссертасионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки он ба рушди тарбияи инсони комил тавассути осори Ҷалолиддини Балхӣ таваҷҷӯҳ зоҳир мекунад.

Кори довталаб на танҳо ба такмили назарияҳои педагогӣ мусоидат мекунад, балки дар раванди таҳсилот низ аҳамияти амалӣ дорад.

Мазмун ва муҳтавои кори таҳқиқотӣ дар интишороти муҳаққиқ дар маҷалаҳои тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақолаҳо дар маҷмуаҳо аз конференсияи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мувофиқат менамоянд. Инчунин, муҳаққиқ кӯшиш намудааст аз таҳқиқотҳои олимони ватанӣ, аз адабиётҳо бо забони тоҷикӣ истифода намуда бо нутқи хаттии фаҳмо фикру ақидаҳои худро иброз намояд.

Инчунин, қайд гардидааст, ки Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид, довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 8 интишороти илмӣ, аз ҷумла, 4 номгӯй мақолаҳои илмии зерин оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон

тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1-М]. Шарипов М. Таълимоти ахлоқӣ ва маънавии Ҷалолиддини Балхӣ: Фаҳмидан ва худогоҳии ӯ. // Паёми Донишгоҳи Хоруғ.- №4 (32), 2024. - С. 183-187.

[2-М]. Иброҳимов Г., Абдулмаҷидзода М.А. Таҳлили арзишии масъалаи инсон ва инсонгарой дар осори Ҷалолиддини Балхӣ//Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ.-№3-1 (40)-2025.- с. 56-64.

[3-М]. Абдулмаҷидзода М.А. Раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи афкори педагогии Ҷалолиддини Балхӣ оид ба инсонгаройӣ ва инсони комил//Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ.-№3-2 (40)-2025.- с. 102-112.

[4-М]. Шарипов А.А. Иброгимов Г.И., Ҷойгоҳи инсон дар «Маснавии маънавӣ”- и Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммади Балхӣ//Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.- №3 (57) – 2025. – с. 266-270.

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд, холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии дяссертасияро коста намеғардонанд. Ба инобат ғирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи унвонҷӯ самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Дар саҳифаи 18-уми диссертатсия “Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таълиму тарбияи кӯдак” нодуруст қайд гардидааст.

2. Дар пойгоҳи таҳқиқот синну соли хонандагон зикр нагардидааст. Аз ин рӯ, ба диссертант зарур аст, ки синну соли хонандагонро муайян намояд ё онро бевосита нишон диҳад ва ё аз рӯйи синфҳо мушаххас созад.

3. Дар диссертатсия баъзе хатоҳои техникй, аз ҷумла, камбудиҳо дар саҳифабандӣ (дар саҳифаи 138-то 142) ва ҳамчунин, дар матни диссертатсия галатҳои техникию имлоӣ зиёд ба чашм мерасанд (масалан аз саҳифаи 9 то 29).

4. Дар диссертатсия мазкур якчанд маротиба унвони шоир Балхӣ навишта шудааст, ҳол он ки номи шоир дар рисола пурра ва дуруст аз тарафи муаллиф дарҷ гардад.

5. Дар қисмати методологӣ фаҳмонида намешавад, ки кадом усулҳои таҳқиқ истифода шудаанд: таърихӣ-таҳлилӣ, муқоисавӣ, моделсозӣ, ё контент-таҳлил.

Камбудиҳои зикргардида ба арзиши баланди илмии таҳқикоти анҷомдода таъсир намерасонанд ва онҳо характери тавсиявй дошта, дар оянда барои беҳтар гардидани сифати диссертатсия кумак мерасонанд.

Хулоса, диссертатсияи Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид дар мавзуи «Инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика: 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси: 5.3. Педагогика: 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Қаюмова Ҳурилико Тағайевна мураттаб шудааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №10/2 аз 25.05. 2026).

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд.

Тақризҳоро шахсони зерин фиристодаанд:

1. Аҳмадзода Бунафша Саймузафар – доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, муовини ректор оид ба тарбияи Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ».

Тақриз мусбат мебошад. Муқарриз эрод надорад.

2. Каримзода Шавкат – номзади илмҳои педагогӣ, директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муқарриз эрод надорад. Тақриз мусбат мебошад.

3. Аминзода Муслиҳиддин Фозилиддин – номзади илмҳои педагогӣ, директори Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи №4 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе.

Тақриз мусбат мебошад. Муқарриз эрод надорад.

4. Нематуллозода Муродбек - номзади илмҳои педагогӣ, директори Муассисаи давлатии таълимии «Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе»

Муқарриз эрод надорад. Тақриз мусбат мебошад.

Муқарризони ба автореферат тақриз пешниҳоднамуда қайд мекунанд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талабот ҷавобгӯ буда, довталаби дараҷаи илмӣ Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика: 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ ва қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 аз 28 апрели соли 2026, протоколи №127-ИҲ, тибқи банди 61, Низомнома оид ба шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки** дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин **иҷро шудаанд:**

- ташаккули инсонгароӣ ва тарбияи инсони комил ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир тавассути осори Ҷалолиддини Балхӣ дар заминаи методологӣ ва назариявӣ **асоснок карда шудааст;**
- омӯзиши инсонгароӣ ва тарбияи инсони комил ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир тавассути осори Ҷалолиддини Балхӣ дар шароити рушди малакаи таҳлилӣ ва қобилияти маърифатии хонандагон **асоснок карда шудаанд;**
- ҷанбаҳои психологӣ ва педагогӣ дар инсонгароӣ ва тарбияи инсони комил ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон **аниқ карда шудааст;**
- вобаста ба инсонгароӣ ва тарбияи инсони комил ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир тавассути осори Ҷалолиддини Балхӣ**, амсила таҳия ва тасвиб карда шудааст;**
- таҷрибаи амалии фаъолияти касбии муаллифи рисола **коркард ва пешниҳод карда шудааст;**
- самтҳои фаъолияти омӯзгори муассисаи таълимӣ бо хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар самти инсонгароӣ ва тарбияи инсони комил ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир тавассути осори Ҷалолиддини Балхӣ **муайян карда шудааст;**

- нақши инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир тавассути осори Ҷалолиддини Балхӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ муайян, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва ба таври озмоишӣ мавриди санҷиш қарор дода шуда, самаранокии онҳо **собит карда шудааст;**

- тавсияҳои методӣ роҷеъ ба омӯзиши инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир тавассути осори Ҷалолиддини Балхӣ ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик дар фаъолияти педагогӣ **коркард ва пешниҳод карда шудааст;**

- самаранокии дар амал татбиқ намудани ҷанбаҳои педагогии инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир тавассути осори Ҷалолиддини Балхӣ ба таври озмоишӣ **санҷида шудааст.**

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- мафҳуми « инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил» дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир дақиқ ва систематикӣ **шарҳ дода шудааст;**

- структураи методологӣ ва психолого-педагогии осори Ҷалолиддини Балхӣ таҳлил гардида, ҷузъҳои асосии он (иттилоотӣ, маърифатӣ, таҳлилӣ, арзишӣ ва амалии иҷтимоӣ) **асоснок карда шудаанд;**

- муқаррароту тавсияҳои назариявии дар диссертатсия ироа шуда ба методологияи муносибати системавӣ ва консепсияи илмии педагогиву психологӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявӣ такя мекунад, ба таври васеъ мавриди таҳқиқоти минбаъда ва истифода **қарор гирифта метавонад;**

- барои корҳои минбаъдаи илмӣ **кӯмак расонида метавонад;**

- анҷоми ин таҳқиқот метавонад барои нишон додани бартарии таълими инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир тавассути осори Ҷалолиддини Балхӣ **саҳифаҳои нав боз кунад;**

- маводи таҳияшуда дар нашри китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, энсиклопедияҳо ва солномаҳо мавриди **истифода қарор гирифта метавонад;**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия,** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- муайян ва пайгирӣ намудани таъсири афкори педагогии Балхӣ ба афкори касбӣ ва барқарор намудани муносибатҳои наслҳои минбаъдаи мураббиёни ҷавонон, ки ба ташаккули принсипҳои башардӯстӣ дар самти

инкишофи педагогика ҳамчун як ҷузъи фарҳанги башар дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **кӯмак расонанд;**

- таҳияи тавсияҳо оид ба инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил, татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир тавассути осори Ҷалолиддини Балхӣ ва ба таври самаранок ташаккул додани онҳо **фароҳам меоварад**;

- озмоиш ва ҷорӣ намудани барномаи ҳамкориҳои самарабахш оид ба омӯзиши инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир тавассути осори Ҷалолиддини Балхӣ ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик ба худҳавасмандсозӣ, худташкилкунӣ ва худрушддиҳии хонандагон **кӯмак мерасонад;**

- мавод ва натиҷаҳои таҳқиқотро дар амалияи кор бо омӯзгорони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва дар такмили ихтисоси омӯзгорон **метавонанд** ба таври васеъ **мавриди истифода қарор бигиранд;**

- тавсияҳои илмию педагогии дар кори таҳқиқотӣ коркардшударо омӯзгорон **метавонанд** ҷиҳати баланд бардоштани самарабахшии кор ва сифати таълим **истифода баранд;**

- муҳтавои таҳқиқоти мазкурро ҳамчун курси махсус, барои бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **метавон тадрис намуд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳияи барномаҳо, роҳнамо ва дастурҳои методӣ барои омӯзгорон ва воситаҳои таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ **ёрии амалӣ мерасонанд.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** нишон доданд, ки дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертасионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо бо асосҳои зерин собит месозанд:

- асоснокӣ ва эътимоднокии натиқаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот **таъмин карда шудаанд;**

- мустаҳкамии назариявии фарзияи таҳқиқот, ки дар асоси таҳлили манбаъҳои илмии дохилӣ ва хориҷӣ таҳия гардида, бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои синнусолӣ ва шахсияти хонандагон **такмил дода шудааст;**

- истифодаи маҷмӯи усулҳои гуногуни таҳқиқоти эмпирикӣ (мушоҳида, саволнома, мусоҳиба, озмоиши муқаддимавӣ ва ташреҳӣ), ки натиҷаҳоро аз ҷиҳати сифатӣ ва микдорӣ тасдиқ менамоянд **исбот карда шудааст;**

- маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқотро, ки ба мавзуъ ва ҳадафҳои асосии таҳқиқот мувофиқанд **таъмин карда метавонанд;**

- интихоб ва таҳлили шароит, инчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ **таъмин карда шудаанд;**

- тасдиқи қоидаҳое, ки дар фарзия ва ғояи таҳқиқот пешниҳод шудаанд, **исбот карда шудааст;**

- таҳлилу арзёбӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ бадастомада, **коркард ва самаранокии онҳо исбот карда шудааст;**

- муътамад будани натиҷаҳои ноилшуда ва таҷрибаи амалии фаъолияти касбии муаллифи диссертатсия **асос ёфтаанд;**

- истифодаи методҳои такмилдиҳандаи якдигар, мақсадҳои комилан мувофиқ, вазифаҳо ва мавзуи таҳқиқот, тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқот тавассути методҳои оморӣ ва таҳлил **ба даст омадаанд;**

- иштироки бевоситаи муаллиф дар фаъолияти касбии омӯзгорӣ, илмӣ-методӣ, таҳқиқотӣ ва ташкили он дар пойгоҳи озмоишӣ **таъмин карда шудаанд.**

- муқаррароти дар таҳқиқот пешниҳодшуда бо нукоти назариявӣ ва методологӣ, асоснокӣ ва комилан мувофиқ будан бо масъала ва предмети таҳқиқот мувофиқ буда, баланд бардоштани самарабахшии инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир тавассути осори Ҷалолиддини Балхӣ аз бисёр ҷиҳатҳо **таъмин карда метавонанд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот бо кори озмоишӣ, таҷрибаи шахсии педагогии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ тасдиқ карда шуда, натиҷаҳои ташхису санҷиш ба муқоисаи маълумоти дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастомада (то озмоиш ва баъди озмоиш) **асос ёфтанд;**

- **натиҷаҳои таҳқиқот** дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввару семинарҳои илмиву методӣ ва омӯзишӣ ва ғ. **ироа, тасвиб ва баррасӣ шудаанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар ба амал баровардани фаъолиятҳои зерини илмӣ-таҳқиқотӣ таҷассум меёбад:**

- **дар таҳлили** ҳамаҷонибаи масъалаҳои вобаста ба таҳқиқот;

- **дар истифодаи силсилаи усул ва методҳо** вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот;

- **дар иштироки бевосита**и муалиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ;

**- дар ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи** адабиёти илмӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда оид ба масъалаҳои мавзуи таҳқиқоти

диссертатсионӣ, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда;

- **дар банақшагирии дурусту мувофиқи таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии** маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада;

- **дар истифодаи маҷмуи зиёди методу воситаҳои таҳқиқотӣ** вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот;

- **дар таҳияи воситаҳои ташхис** барои муайян кардани ҷанбаҳои педагогии инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил тавассути осори Ҷалолиддини Балхӣ дар шароити муосир;

- **дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ**, тасдиқи амалии муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот;

- **дар коркард ва мавриди озмоиш қарор додани** инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар осори Ҷалолиддини Балхӣ;

- **дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ ва тавсияҳои методӣ**, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ ва ироаи натиҷаҳои таҳқиқот, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ.

**Дар маҷлис аз 08 июли соли 2026, №131 шурои диссертатсионӣ қарор** кард, ки Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика: 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор донистa шавад.

**Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ** 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда. Овоз доданд:

тарафдор – 10 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ — Сафаров Шодӣ Асомуродович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ — Муҳиддинзода Баҳриддин

Санаи барасмиятдарории хулоса: 08.07.2026.